**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**
**ба Нуралиев Мансур Исматуллоевич**

**протоколи №18 аз 29.03.2024**

Диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 26 декабри соли 2023, протоколи №37 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1, ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Мавзуи кори диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тасдиқ шудааст. (Протоколи № 9 аз 29. 04. 2019с.).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», №2 А аз 11.10.2023с. муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"

**Муқарризони расмӣ**:

**Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров"

**Гулова Нажиба Абдулмажитовна** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Данғара"

**Муассисаи пешбар**: МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ"

МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ" дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, муаллими

калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими он Давлатов Миралӣ Абдусамадович таҳия шудааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ Нуралиев Мансур Исматуллоевич масъалаи рушди мавқеи акмеологии омузгорониояндаи синфхои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомузии педагогиро ошкор месозанд.

Мубрамии мавзуи унвонҷу Нуралиев Мансур Исматуллоевич, ки барои таҳқиқоти кори диссертатсионӣ интихоб намудааст, бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур аз низомбандии маълумот оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ моҳияти мавқеи акмеологии донишҷуёнро ҳамчун омили муҳимми рушди шахсӣ ва педагогие, ки боиси рушди касбии онҳо муайян карда, шароитҳои мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомузии педагогӣ мегарданд, ошкор, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва мавриди озмоиш қарор дода, самаранокии онҳоро собит намудааст. Инчунин, амсилаи таҷрибаомузии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор дода, самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомузии педагогӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян карда шудааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Нуралиев Мансур дар он зоҳир мегардад, ки ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомузии педагогӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомузии педагогӣ, омӯзгорон ва мушовирони макотиби олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомузии педагогии омӯзгорони оянда тавассути машғулиятҳои амалӣ истифода карда мешавад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар як номгуй дастури таълимӣ ва 10 номгуй

мақолаҳои илмӣ, ки 7 номгуй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3-номгуй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Рисолаи илмии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Каримзода Мирзо Бадал пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи дуюм аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи системаҳо ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раджабович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи сеюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, директори филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” Каримзода Шавкат Карим пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров Сафарбек пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” аз 19 январи соли 2024, протоколи №39 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи химояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда шуданд.

2. Шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуданд.

3. Амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия карда шуд.

4. Таҳқиқоти озмоишӣ доир ба муайян намудани самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида шуд.

5. Нишондодҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** чунин зоҳир мешавад:

- мафҳуми мавқеи акмеологии донишҷӯёни макотиби олӣ дар заминаи мутаносиби таҷрибаомӯзии субъектии омӯзгори оянда дар муҳити таълимии фаъолияти касбӣ, ки ифодаи устувор ва дарку фаҳми мушаххаси маънии он аз худ дарак медиҳад, аниқ карда шудааст;

- моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ошкор ва муайян карда шудааст.

Ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аз тарафи:

- таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда;

- роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ;

- омӯзгорон ва мушовирони макотиби олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда тавассути машғулиятҳои амалӣ истифода карда мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,** ки дар раванди кори таҳқиқотӣ ба даст оварда шудаанд, бо асоснокии назариявӣ ва методологии мавқеи ибтидоӣ, таҳлили амиқи назариявии масъалаи таҳқиқшаванда, татбиқи маҷмӯи методҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд; воситаҳои ташхис-репрезентивии интихоб, таҷриба ва мавқеи назариявии санҷишӣ озмоишӣ, интихоби методҳои мувофиқи мантиқии таҳқиқоти омори математикӣ собит мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқот; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот, дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва тасдиқи амалии

муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум меёбад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар, аз онҳо 7 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 7 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 9

муқобили додани дараҷаи илмӣ нест

бюллетенҳои беэътибор нест

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 29 марти соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ); хулосаи роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав - **Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич**; хулосаи ҷаласаи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», №2 А аз 11.10.2023; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ”; муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи Шурои диссератсионӣ ва “ Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро (“тарафдор”- 9 нафар (1 нафар-онлайн), “зид”- нест, “бюллетенҳои бекоршуда”- нест), диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Низомномаи “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ҳисобида шавад ва ба Нуралиев Мансур Исматуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба Нуралиев Мансур Исматуллоевич дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

29.03.2024 с.